«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х. __________
«29» ________ 2021

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

доир ба диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «**Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**» ҷиҳати дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна «**Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**» дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Амирбекова Иқлима Ҷаборовна ҳамчун унвонҷӯи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия аз соли 2010 то 2016 ба сифати лаборанти калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа ва аз соли 2016 то 2018 лаборанти калони кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ фаъолият намуда, аз моҳи сентябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа кору фаолият намуда истодааст.

Соли 2009 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Роҳбари илмӣ – Худойдодзода Фаррух Бегиҷон, доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ.

Ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовнаро дар мавзӯи «**Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**» таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассалеро дар сатҳи хуби илмӣ анҷом додааст.

Рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими фалсафа, таълимоти машшоия дар бораи зан бахшида шудааст. Аҳамияти омӯзиши мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки гарчанде занон ҳамеша, дар ҳар давру замон ва дар ҳар кишвари ҷаҳон нақшҳо ва корҳои мушкилтарин ва барои ҳаёти фард ва ҷомеа муҳимтаринро иҷро кардаанд, аммо дар тамоми тӯли таърихи гузаштаи башарият ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо нисбат ба мардҳо хеле тангу маҳдуд будааст. Танҳо дар замони муосир дар партави инқилобҳои фарҳангӣ ва густариши ғояи озодӣ ва барбарҳуқуқии инсонҳо новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодии онҳо, ҳаракати феминистӣ сурат гирифт ва занон барои тарвиҷу таҳкими мақому нақшҳо ва ҳуқуқу озодиҳои фардию иҷтимоии худ, расман ва воқеан тасдиқу татбиқ шудани баробарҳуқуқии зан ва мард садо баланд карданд ва ба мубориза бархостанд. Дар пайомади ин равандҳо дар тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳои миллии ҷаҳон  дар нигариш ба зан, ба ин унсури барҷастаи иҷтимоӣ дигаргуниҳои куллӣ ва назаррас  ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии дидгоҳҳои анъанавию муосир дар бораи нақш ва мақоми иҷтимоии зан барои шинохти амиқи  мазмун ва моҳияти ин дидгоҳҳо, ҳамоҳангӣ ё тазоди байни онҳо ва нақши онҳо дар сарнавишти имрӯзаву ояндаи занон хеле мубраму муҳим мебошад.

Дар фалсафа ва умуман, мафкураи ҷамъиятии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик, мисли ҳамаи мафкураҳо ва низомҳои дигари бостониву асримиёнагии фалсафӣ, як навъ тасаввуротҳои патриархалӣ, мардмарказӣ (андросентрӣ) ва занситезона оид ба мақом ва нақши зан ҳукмрон буданд, ки тибқи онҳо мардҳо нисбат ба занҳо аз лиҳози ақлу шуур, қувваҳо ва қобилиятҳои ақлию маърифатӣ бартарӣ доранд, аз ин рӯ бояд занҳо зери фармону назоратимардҳо бошанд. Ҳамин гуна тасаввуротҳо ҳамчун усулҳои бунёдӣ асоси назарияҳои гендерии аксарияти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагии тоҷикро ташкил додаанд. Анъанаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳеҷ гоҳ натавонистааст аз дуализм ва тазоди миёни эҳсосоти занона ва ақлонияти мардона – ду мабодии мустазоди

маърифатӣ озод шавад. Ин дуализмро паси сар накардани фалсафаи асримиёнагии тоҷик, минбаъд, дар пайдоиши фаҳмишҳо ва низомҳаи фарҳангиву фалсафии тарғибкунандаи нобаробарии мард ва зан таъсири шадиде расонидааст. Тибқи назарияе, ки дар матни фалсафаи асримёнагии тоҷик тарҳрезӣ шудааст, тафовути табиӣ миёни мард ва зан ба таври мустақим тамоми тафовутҳои дигари миёни онҳо – вуҷудӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғайраро муайян мекунад.

Илова бар ин, таҳлили муқоисавии мақом ва накши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дар афкори динӣ ва фалсафии даврони қадим ва асримиёнагӣ барои дуруст муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ғоявие, ки дар даврони бостон ва асримиёнагӣ боиси маҳдуд ва танг шудани мақоми иҷтимоӣ ва доираи ҳуқуқу озодиҳои зан гардидаанд, минбаъд, ҷиҳати бартараф ё пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан, барои рушд ва вусъат пайдо кардани доираи ширкату фаъолияти занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа хулоса, барои беҳбудӣ бахшидан ба вазъи иҷтимоию ҳуқуқии занон мусоидат мекунад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмии диссертант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ самаранок истифода кардааст. Дар натиҷа, вобаста ба масъалаҳои марбути мақом ва ҷойгоҳи зан дар таълимоти машшоия фикрҳои ҷолибу арзандаеро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра воситаҳои умумиилмӣ ва ҳамчунин аз усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, ягонагии мантиқию таърихӣ, апологетикӣ-аксиоматикӣ васеъ истифода намудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ** хеле дуруст муайян гардидааст. Маҳз аз максаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот муайян мегарданд. Зимни пажӯҳиш ба ҷуз аз методҳои назариявӣ ва умумиилмӣ, усулҳои герменевтикӣ, аксиологӣ, мантиқияту таърихият ва гайра мавриди ба таври самаранок истифода шудаанд.

**Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки** рисолаи мазкур аввалин рисолае мебошад, ки ба таҳлили маҷмуавии

мақом ва нақши зан афкори динӣ, фалсафӣ ва ирфониии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик бахшида шудааст.

Дар рисола бори аввал аз тариқи таҳлили муқоисавӣ собит карда мешавад, ки дидгоҳҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ ва таълимотҳои мардсолоронаву занситезона хоси танҳо мафкураи ҷамъиятии миллатҳо ва кишварҳои исломӣ ё зодаи таълимоти ислом нест, балки як падидаи умумифарҳангие мебошад, ки решаҳои хеле қадимаи фарҳангӣ дошта, дар мафкураи ҷамъиятии ҳамаи халқу миллатҳо ва дину ойинҳои башарӣ дар даврони қадим ва асрҳои миёна ҳукмфармо будааст.

Бори аввал аз тариқи таҳлили мухтасари муқоисавии таълимоти динҳо ва андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ оид ба зан, кӯшиш карда шудааст, ки омилҳои аслӣ ва воқеии маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ ба таври дақиқ ва асоснок нишон дода шаванд.

Зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар осори хаттии дини зардуштӣ, инчунин дар Қуръону ҳадис ба таври воқеӣ тавсиф шудааст.

Инчунин дар рисола заминаҳои назариявии мақоми зан дар таълимоти Афлотун ва Арасту, инчунин таҳлили андешаи аҳли мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ) дар бораи зан ва мақому нақшҳои ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд

**Натиҷаҳои бадастоварда** ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафа, инчунин ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи тоҷик мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи рисолаи мазкур, натиҷа ва хулосаҳои онро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи табиат, онтология ва назарияи маърифат, мафҳумҳои бунёдии фалсафа низ метавон истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи Амирбекова И.Ҷ. дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Амирбекова И.Ҷ. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №4 Душанбе, 2021. С. 170-178.
[2-М] Амирбекова И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИ ҶТ №2. Душанбе, 2021. С.67-70.
[3-М] Амирбекова И.Ҷ. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №10. Душанбе, 2020. С. 210-215.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «**Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷиктсон қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна ба тариқи зайл сурат гирифт:

тарафдор - 11 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №1 аз 13.08.2020.

**Раисикунада дар маҷлиси кафедра**
**д.и.ф., профессори кафедраи онтология ва**
**назарияи маърифати ДМТ, ________________Зиёев И.Ғ.**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, н.и.ф. ___________Қаландаров М.И.**

Имзои Зиёев И.Ғ. ва Қаландаров М.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**